**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 9812с

аз «14» 09 соли 2020

Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи ба охир расидани мӯҳлати машварати оммавӣ оид ба огоҳиномаи таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007, № 172»

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳинома дар бораи омода намудани лоиҳаи зикргардидаро, ки дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 августи соли 2020 аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Машварати оммавӣ нисбати огоҳиномаи таҳияи лоиҳаи мазкур аз 11 август то 12 сентябри соли 2020 гузаронида шудааст. Ҳангоми гузаронидани машварати оммавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Огоҳинома бо дарназардошти талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” таҳия гардидааст.

Тибқи қисми 3 моддаи 35 Қонуни зикргардида, шумо оид ба омода лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё даст кашидан аз омода намудани он ҳуқуқ доред.

Бо эҳтиром,
муовини якуми директор — Соҳибзода М.М.

Иҷро кард: Зарифов У.
Тел: 227-46-71